**ПРОТОКОЛИ № 36.3 - и**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

из 11 октябри соли 2025 ш. Хуҷанд

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 9 нафар (аз ҷумла 1 нафар ба тариқи маҷозӣ), аз рӯйи ихтисос 4 нафар

11 октябри соли 2025, соати 9:00 дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1, толори шурои диссертатсионӣ) ҳимояи диссертатсияи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи «Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) баргузор гардид.

**Раиси шуро:** д.и.и, профессор Ризозода Т.Р.
**Котиби илмии шуро:** н.и.и. дотсент Саиджонов С.Ш.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро ба шумораи 11 нафар бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2025, таҳти рақами 289/шд тасдиқ шудааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 9 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктороны илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям овоз диҳед. Муқобил?, Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи «Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг).

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд» Газибеков Садриддин Арслонбекович.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Бойматов Алиҷон Азизович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**2. Худоёров Шахриёр Худойқулович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

## БАРОМАД НАМУДАНД:

Раиси шуро: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. дар асоси варақаи ҳузур аъзои шуроро дар бораи босалоҳият будани маҷлис огоҳ карда, рӯзномаи онро эълон намуд. Сипас довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ба ҳозирин муаррифӣ намуда, ному насаб, мавзуи диссертатсия, ихтисос ва соҳаи илмро, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст, ҳамчунин муассисаи пешбар, ному насаб, дараҷаи илмӣ, вазифа ва ҷои кори муқарризони расмиро эълон кард.

Котиби илмии шуро: номзади илмҳои иқтисодӣ Саиджонов Содиқжон Шарифжонович ҳозиринро бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ барои дарёфти дараҷаи илмӣ Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич шинос карда, оид ба мутобиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда иттилоъ дод. Сипас ба Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич барои маърӯза то 20 дақиқа вақт дода шуд.

Унвонҷӯ Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич бо маъруза аз рӯйи мавзуи «Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад намуд.

Пас аз ба итмом расидани маърӯза аъзои щуро – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов Абдулатиф Маҷидович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуқодирӣ Хайрулло Абдусаломзода, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хоҷаева Дилрабо Абдусамадовна ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан (тариқи маҷозӣ) ба довталаб саволҳо доданд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич ба саволҳои аъзои шуро ҷавобҳои мушаххас дод.

Баъдан сухан ба роҳбари илмии унвонҷӯ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков Садриддин Арслонбекович дода шуд. Роҳбари илмӣ дар тақризи худ ба диссертатсия баҳои баланди илмӣ дода, фаъолияти илмӣ ва илмӣ-омӯзгории Юсупов Ғолибҷон Ғаниевичро тавсиф кард ва асоснок намуд, ки барои чӣ ба довталаб дараҷаи илмии дарёфтшаванда дода мешавад.

Котиби илмии шуро Саиджонов С. Ш. ҳозиринро бо хулоса оид ба натиҷаҳои муқаддамотии ташхиси диссертатсия – хулосаи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шинос намуд. Ҳамчунин ӯ ҳозиринро бо тақризҳо оид ба автореферат, ки ба шуро аз ҷониби олимони зерин ворид шуданд, шинос намуд:

1. Қодирзода Хуршед Қодир – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илмӣ Донишгоҳи давлатии Данғара;

2. Саидзода Мустафохон Каримович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, и.в. мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон;

3. Сатторова Манзурахон Раҳмоновна - номзади илҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг;

4. Аминҷонова Муҳиба Муҳаммаднасимовна – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ;

5. Исмоилова Гулнора Файзуллаевна - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи технологияҳои иттилоотии Тошканд ба номи Муҳаммад ал – Хоразмӣ.

Бо ризоияти аъзои шуро котиби илмӣ шарҳи тақризҳоро оид ба диссертатсия ва автореферат, бо қироати ҳатмии эродҳое, ки дар онҳо оварда шудаанд, ироа намуд.

Пас аз шинос намудани ҳозирин бо тақризҳо ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич барои ҷавоб додан ба эродҳои дар тақризҳо ҷойдошта сухан дода шуд.

Муқарризони расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Бойматов Алиҷон Азизович тақризи худро қироат намуд.

Тибқи банди 85-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, котиби илмии шуро Саиджонов С.Ш. тақризи муқарризи расмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Худоёров Шаҳриёр Худоёқуловичро қироат намуд.

Муқарризон эродҳои ҷойдошта ва баҳои ниҳоиро ба диссертатсия, ки дар тақриз оварда шудаанд, пурра баён карданд.

Баъд аз шунидани тақризи ҳар як муқарриз ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич барои ҷавоб додан ба эродҳо сухан дода шуд.

Сипас сухан ба аъзои шуро, мутахассисон доир ба ихтисоси диссертатсия – д.и.и, профессор Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович ва

д.и.и, дотсент Хоҷаева Дилрабо Абдусамадовна дода шуд. Бароmадкунандагон зимни мубоҳиса ба диссертатсия баҳои асоснок доданд.

Дар ҷараёни мубоҳиса ба довталаб Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич имкон дода шуд, ки ба эродҳои гирифтаи баромадкунандагон ҷавоб диҳад.

Баъди ба итмом расидани мубоҳиса шуро бо тартиби муқарраршуда аз рӯйи масъалаи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич овоздиҳии пинҳонӣ баргузор намуд. Комиссияи ҳисоб дар ҳайъати зерин интихоб карда шуд: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуқодирӣ Хайрулло Абдусаломзода, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хоҷаева Дилрабо Абдусамадовна.

Комиссия Исмоилов М.М-ро раис интихоб кард, ки мавсуф ҳозиринро бо натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ шинос намуд:

тарафдор – 9 нафар;

муқобил – нест;

бюллетенҳои беэтибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссия ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ довталаб ба Юсупов Ғ.Ғ. дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) қабул гардид.

Ҳамин тариқ, шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 баъди шунидан ва баррасии диссертатсияи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи «Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг); тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Газибеков С.А; тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Худоёров Шаҳриёр Худоёқулович; мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хоҷаева Дилрабо Абдусамадовна, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи «Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон – бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводи илмии чопшудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Қарори шурои диссертатсионӣ бо як овоз қабул шуд

Бо ҳамин кори маҷлиси шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саиджонов С.Ш.**

*11 октябри соли 2025*